«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории тиҷорати Тоҷикистон,
д.и.и., дотсент Асрорзода У.С.
_______________________
«30» 10 соли 2025

**ХУЛОСАИ**

**кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) иҷро гардидааст.

Асрорзода Абдулло Саттор 09 апрели соли 1985 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2008 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси умури бонкӣ хатм намудааст. Дар солҳои минбаъда дар вазифаҳои гуногуни таълимӣ, идоракунӣ ва ташкилӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатӣ соҳибкорӣ фаъолият намудааст. Аз ҷумла, солҳои гуногун ҳамчун мушовири академӣ, муовини декан, директори муассисаҳои таълимии касбӣ ва роҳбари сохторҳои идоракунӣ фаъолият кардааст. Аз моҳи апрели соли 2024 то ҳол дар вазифаи роҳбари Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Аз соли 2020 то соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодии соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супорида шудаанд.

Мавзуи диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2020, суратҷаласаи № 9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Харӣзода Шукрулло Қурбоналӣ – д.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» хулосаҳои зерин бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосир рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба унсури калидии пешрафти иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувор мубаддал гаштааст. Воқеан, соҳибкорӣ манбаи даромад ва шуғли аҳолӣ, самти афзалиятноки афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва татбиқи инноватсияҳо мебошад.

Ҳамкории самараноки давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ яке аз механизмҳои муҳими ҳавасмандсозӣ, дастгирӣ ва ташкили муҳити мусоиди рушди соҳибкорӣ дониста мешавад. Тамоюли ҷаҳонии рушди иқтисоди муосир нишон медиҳад, ки кишварҳо дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва хизматрасониҳо ҳарчи бештар бахши хусусиро ҷалб менамоянд. Дар ҳамин замина, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба як воситаи муҳими таъмини рушди устувор, ҳалли мушкилоти молиявӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо табдил ёфтааст.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳқиқи масъалаҳои мавҷудаи такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшударо нишон медиҳанд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидааанд, робита дорад.

**4. Мақсади асосии тадқиқот** таҳияи заминаҳои илмӣ ва амалии такмили механизмҳои ҳамкории байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки ба таҳкими фазои соҳибкорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳадафи зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи **вазифаҳои** зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- муайян намудани заминаҳои назариявӣ ва методии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун омили рушди устувори иқтисодӣ дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт;
- арзёбии вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ошкор намудани омилҳо ва монеаҳои мавҷуда дар самти рушди самараноки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ;
- муайян кардани самтҳои асосии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ва асосноккунии такмили чунин ҳамкорӣ бо дарназардошти рушди соҳибкории рақамӣ ва истифодаи технологияҳои сабз.

Объекти таҳқиқотро Равандҳои ташаккул ва амалишавии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ба сифати предмети таҳқиқот маҷмуи муносибатҳо, механизмҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин равандҳои ташаккул, татбиқ ва такмили онҳо ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

Фарзияи таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла беҳтар намудани муҳити ҳуқуқӣ, молиявӣ ва идоракунӣ, ҷорӣ намудани воситаҳои самараноки ҳавасмандгардонӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, рушди соҳибкории рақамӣ ва татбиқи технологияҳои сабз, имконият фароҳам меорад, ки самаранокии ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд гардида, фазои соҳибкорӣ ва ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намояд.

**5. Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Таҳияи заминаи назариявию методии таҳлили ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун шарикии стратегӣ дар рушди устувори иқтисодӣ.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ моҳияти ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун шакли шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ баррасӣ гардида, он ҳамчун механизми мутақобилаи танзим ва рушди иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудааст. Ба андешаи муаллиф, ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ – ин низоми муносибатҳои институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки дар асоси манфиатҳои мутақобила барои дастгирии рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Маҳз тавассути чунин ҳамкорӣ давлат метавонад шароити мусоиди фаъолияти соҳибкориро таъмин намуда, захираҳои бахши хусусиро барои ҳалли масъалаҳои стратегии иқтисодӣ ҷалб кунад.

2. Арзёбии вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки рушди самараноки фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳими таҳкими иқтисоди миллӣ мебошад. Бо вуҷуди татбиқи як қатор ислоҳот ва қабул гардидани стратегияҳо ва фаъолсозии Шӯрои миллии рушди соҳибкорӣ, фазои соҳибкорӣ то ҳол ба як қатор монеаҳои сохторӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар чунин шароит, ҳамкории

муназзами давлат ва бахши хусусӣ воситаи паст кардани хавфҳо ва ҷалби манбаъҳои иловагии сармоя арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия хулоса гардидааст, ки истифодаи оқилона ва стратегияи дарозмуддати шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон метавонад на танҳо ба ҳалли масъалаҳои инфрасохторӣ, балки ба коҳиши сарбории буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат намояд. Бо назардошти ин, рушди минбаъдаи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ бояд ба сиёсати иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз пайванд дода шавад.

3. Ошкор намудани омилҳои таъсисррасон ва монеаҳои мавҷуда дар самти рушди самараноки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ

Дар диссертатсия масъалаи муайянсозии омилҳо ва монеаҳои таъсиргузор ба сатҳи ҳамкории мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз заминаҳои муҳимми такмили сиёсатҳои иқтисодӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқ нишон дод, ки новобаста аз чораҳои қабулгардида дар самти ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули фазои соҳибкорӣ ва таъмини дастгирии давлат аз бахши хусусӣ, то ҳол як қатор омилҳои боздоранда ва маҳдудиятҳо дар робитаи байни давлат ва соҳибкорон боқӣ мондаанд.

Монеаҳои мазкур дар диссертатсия ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудаанд: маъмурӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

4. Муайян кардани самтҳои асосии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бо дарназардошти рушди соҳибкории рақамӣ ва истифодаи технологияҳои сабз

Дар диссертатсия барои такмили ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ муайянсозии самтҳои асосӣ ва афзалиятнок ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, самтҳои ҳамкорӣ бояд ба мақсадҳои стратегӣ ва афзалиятҳои миллии иқтисоди кишвар мутобиқ гарданд ва ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ таъсири мустақим дошта бошанд. Барои самаранокии ин самтҳо бояд воситаҳои муосири ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилӣ равона карда шаванд. Дар баробари ин, ташкили механизмҳои устувори ҳавасмандгардонӣ, шароити

шаффофи озмун, таҳияи стандартҳои ҳамкорӣ ва фаъолияти шарикии дуҷониба бояд дар меҳвари сиёсати давлат қарор гиранд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Таҳияи заминаи назариявию методии таҳлили ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун шарикии стратегӣ дар рушди устувори иқтисодӣ дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ.

2. Арзёбии вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ошкор намудани омилҳо ва монеаҳои мавҷуда дар самти рушди самараноки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ.

4. Муайян кардани самтҳои асосии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бо дарназардошти рушди соҳибкории рақамӣ ва истифодаи технологияҳои сабз

**6. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 кори илмӣ, аз он ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**
**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Асрорзода А.С. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми самараноки таъмини рушди устувори иқтисодӣ / Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 3 (58). – С. 490-495.

[2-М] Асрорзода А.С. Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 68-73.

[3-М] Асрорзода А.С. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ: моҳият, зарурат ва роҳҳои такмили он дар шароити муосир / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 3 (53). – С. 15-25.

[4-М] Асрорзода А.С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, С.С. Амонов, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 1 (51). – С. 63-75.

[5-М] Асрорзода А.С. Роҳҳои беҳбудии амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Қ. Хайрзода, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – № 1–2 (74). – С. 170-176.

[6-М] Асрорзода А.С. Назарияҳои амнияти молиявӣ дар раванди таҳияи буҷа / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – № 1-2 (74). – С. 197-203.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводҳои конференсия**

[7-М] Асрорзода А.С. Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор : маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ, бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (Душанбе, 15 майи соли 2025). – Душанбе : Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2025. – С. 32-38.

[8-М] Асрорзода А.С. Бахши хусусии соҳибкорӣ ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ / Н.Ш. Валиев, А.С. Асрорзода // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо. – Душанбе: ДБССТ, 2024. – № 1. – С. 23–31. – ISSN 2307-2512.

[9-М] Асрорзода А.С. Муҳити соҳибкорӣ ҳамчун таъмини шароити мусоид ва омилҳои ташаккули он / Н.Ш. Валиев, А.С. Асрорзода // Маърифати ҳуқуқӣ – омилҳои муҳими таҳкими давлатдории миллӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели 2024) . – Душанбе: ДБССТ, 2024. – С. 235-245.

**7. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро аз тарафи мақомоти давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва

соҳибкории Тоҷикистон змни омӯзиши фанҳои соҳавии самти соҳибкорӣ истифода шудаанд, ки бо санад тасдиқ ёфтааст.

**8. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ); шунидани тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ.; баромади муқарризон - д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., н.и.и., дотсент Мариншоев М.М., ҳамчунин баромади д.и.и., профессор Шарофзода Ф.Р. ва н.и.и., дотсент Раҳимов М.А., маҷлиси кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 28-уми октябри соли 2025, суратҷаласаи № 3 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ** **Одиназода К.С.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ** **Ҳабибов А.Ҳ.**

*Имзоҳои Одиназода К.С. ва Ҳабибов А.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷӯраев Ш.Н.**